# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Парвандаи аттестатсионии №10

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26-уми июни соли 2023, №10

Дар барои сазовор донистани Робияи Абдусамад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, ба номи С. Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 уми апрели соли 2023, №28 таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Робияи Абдусамад, соли таваллудаш 1994, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ хатм кардааст. Солҳои 2016-2018 ба риштаи магистрантураи ҳамин Донишгоҳ дохил шуда онро бо ихтисоси забони англисӣ хатм намудааст. Фаъолияти кориашро аз соли 2017 ба сифати ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети филологияи хориҷӣ оғоз кардааст. Солҳои 2019-2022 докторанти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ буд. Аз моҳи сентябри соли 2017 то моҳи марти соли 2023 дар вазифаи ассистент, аз моҳи марти соли 2023 ба ҳайси муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Каримов Шухрат** – доктори илми филология, дотсент, декани факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Нуров Пирмаҳмад Гулович** – доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи илмию ташкилии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
2. **Саъдиева Гулистон Фатоевна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва назарияи тарҷума, номзади илми филология Соҳибназарова Ҳавасмоҳ имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода. Ж. Б тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ" ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва навоварона мебошад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ, баррасию муҳокимаҳои боэътимод таълиф шуда, натиҷагирӣ дар ҳар фаслу боб қобили таваҷҷуҳ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия муаллиф 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин микдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

**а) Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-А] Робияи А. Масъалаи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ /А.Робияи// Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ (ISSN-2219-5408). – Душанбе: 2020, №2 (85). – С.54-59.

[2-А] Робияи А. Усулҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ /А.Робияи// Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ (ISSN-2219-5408). – Душанбе: 2020, №6 (89). – С.74-79.

[3-А] Робияи А. Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ /А.Робияи// Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ. (ISSN-2219-5408). – Душанбе: 2021, №6 (95). – С.103-107.

[4-А] Каримов. Ш. Б., Робияи А. Зуҳуроти сермаъноӣ дар мисоли истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ш. Б. Каримов., А.Робияи // Паёми ДДК ба номи А.Рӯдакӣ (ISSN-2616-5260). – Кӯлоб, 2022. – №3(28). С. 74-76.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-А] Робияи А. Калимасозии пешвандӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли истилоҳоти китобдорӣ /А.Робияи// Маводи (фишурдаи) конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқоти дар соли 2021 – Кӯлоб: Матбааи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, 2021. – С. 183-185.

[6-А] Робияи А. Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда /А.Робияи// Маводи (фишурдаи) конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2020. – Кӯлоб: Матбааи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2020. – С. 142-144.

[7-А] Робияи А. Мафҳуми ҳиссиёт дар забонҳои англисӣ ва тоҷик /А.Робияи// Маводи (фишурдаи) конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2018 – Кӯлоб: Матбааи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2018. – С. 154-156.

[8-А] Робияи А. Ақоиди файласуфон дар бораи об /А.Робияи// Таджикистан передовая страна в решении глобальных водных проблем. – Душанбе: Матбааи МД «Тоҷик НИИГиМ», 2018. – С. 63-65.

[9-А] Каримов. Ш. Б., Робияи А. Зуҳуроти антонимия дар мисоли истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ/ Ш. Б. Каримов., А. Робияи// Маводи конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯҳои фарҳангҳо. – Душанбе, 2022. – С. 86-87.

[10-А] Робияи А. Инкишофи илм ва соҳаи маориф дар замони соҳибистиқлолӣ /А.Робияи // Маводи симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо» – Душанбе, 2021. – С. 692-700.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Муҳаммадиева Зухро** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А. И. Сино. Тақриз мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад;
- дар зербоби чоруми боби якуми рисола «Сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои қиёсшаванда» муаллиф бештар ба сарчашмаҳо ва манбаъҳои тоҷикӣ назар афкандааст, аммо дар таносуб ба сарчашмаҳои англисӣ муҳаққиқ кам таваҷҷуҳ намудааст. Дар раванди таҳқиқ муаллиф ба се фарҳанги мукаммали китобдории англис таваҷҷуҳ намудааст. Аксари фарҳангҳои зикрнамудаи муаллиф бисёр хурдҳаҷм мебошанд;

2. **Жураева Р.С** - номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳои Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. Тақриз мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- Дар саҳифаҳои ҷудогонаи фишурдаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (15, 27, 37) ва техникӣ (8, 14, 19) ба чашм мерасад.
- Аксарияти истилоҳоти китобдории забонҳои муқоисашаванда баромади арабиву русӣ (дар забони тоҷикӣ), юнониву лотинӣ ва фаронсавиву олмонӣ (дар забони англисӣ) доранд. Хуб мешуд, ки муаллиф таҳлили решашинохтии номвожаҳои ҳарду забонро анҷом медод.

3. **Чоршанбиева Зайнаб** - номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи технологӣ ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб чунин эродҳоро пешниҳод намудааст:

- дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия (17, 23, 34) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.
- муаллиф дар бахши назариявӣ бештар ба андешаҳои истилоҳшиносони рус такя намуда, диду назари баъзе аз забоншиносони тоҷик ( М. Рустамов, Н. Шарипов ва диг.) аз назари эшон дур мондааст.

4. **Сафарова Рухшона** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин эрод гирифтаанд:

- муаллиф дар диссертатсия иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, хуб мешуд, агар ӯ назари танқидии худро дар мавриди баъзе масъалаҳои баҳсангез баён менамуд.
- дар баъзе саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия (13, 15) ғалатҳои имлоӣ

ва техникӣ ба чашм мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд**, ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

- муайян кардани вижагиҳои маъноии истилоҳот, падидаи иқтибосот ва равишҳои ташаккулёбии унсурҳои истилоҳӣ дар риштаи китобдории забонҳои муқоисашаванда;
- ошкор намудани роҳу усулҳои ташаккул ва рушди истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- омӯзиши масъалаи ташаккули истилоҳот ба воситаи усули вандафзоӣ дар забонҳои мавриди муқоиса;
- таҳлил намудани хусусияти сохтории истилоҳиборaҳои соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- ошкор намудани фарқият, монандӣ ва тафовути истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- таҳлили истилоҳоти иқтибосии китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани вижагиҳои сохтории ташаккули истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- таҳлил намудани истилоҳоти мураккаби соҳаи китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** Асосҳои назариявии таҳқиқот аз он сарчашма мегирад, ки таҳқиқоти мазкур метавонад, дар рушд ва такомули минбаъдаи назарияи истилоҳоти китобдорӣ, роҳҳо ва манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули он, методҳои истилоҳсозӣ, асосҳои назариявии забоншиносӣ ҷиҳати пешбурдаи бахшҳо дар забоншиносии тоҷик ва англис, инчунин барои татбиқи воситаҳо, рушди назарияи умумӣ, омӯзиши қиёсӣ, методологӣ ва типологияи забонҳо мусоидат намояд.

**Диссертатсия дар заминаи** усулҳои тасвирӣ, қиёсӣ, муқоисавию таърихӣ, луғавӣ, сохторӣ-маъноии вижагиҳои ташаккули истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, дар ин замина мушаххас намудани ҳамгунӣ, сермаъноӣ, инчунин таҳлили вожаҳои иқтибосии забонҳои мавриди таҳқиқ муаррифӣ мешаванд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мавод ва натиҷаи истифодаи самаранокии истилоҳоти китобдорӣ дар раванди таҳсилот, дар китобхонаҳои муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ва умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин дар коркард, навишти рисолаҳои илмӣ, семинару конфронсҳои

махсус, гузаронидани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи муқоисавӣ-таърихӣ, луғатшиносӣ, китобхонашиносӣ, таълифи корҳои илмӣ-методӣ, барои мураттабсозии луғатҳои дузабона ва бисёрзабона метавонад замина ва манбаи муфид гардад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти мазкур 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таҳқиқотро инъикос менамоянд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-амалии солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар солҳои 2019 - 2022 маърузаву мақолаҳо ба нашр расидаанд.

Кори илмии муҳаққиқ дар маҷаллаҳое нашр шудаанд, ки ба номгӯйи маҷаллаҳо ва нашриёҳои аз ҷониби Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи илмӣ дар хусуси истилоҳот аз луғатномаҳову вожаномаҳо ва истилоҳномаҳои осори тоҷикӣ ва русиву англисӣ муҳимтарин хусусиятҳои истилоҳот, тарзи сохторӣ, усулҳои асосии истилоҳсозӣ, таҳлили ибора ва ибораистилоҳот, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти соҳаи китобдориро ба таври муқобила дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ ва муайян кардааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашргардида аз тарафи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-068-и назди ДДОТ санаи 26.06.2023 дар бораи ба Робияи Абдусамад додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 15 нафар аъзои шуро 13 нафар иштирок доштанд, ки аз ин 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 13 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷаматов С. С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Каримова Д. Н.

26-уми июни соли 2023